# Дар бораи оқибатҳои никоҳҳои бақайдгирифтанашуда ва хешутаборӣ

ш. Душанбе

2018

## Волидон, чи тавре, ки мегӯянд, ҳангоми пайдо намудани хоҳиши “хушбахт намудани фарзандони худ” чиро бояд донанд?

**Ақди никоҳ иттифоқи озодонаи зану мард аст. Ягон никоҳ наметавонад бидуни ризоияти озодона ва пурраи ашхоси ба ақди никоҳ дароянда, то ҳатто бо мақсади накӯкорӣ бошад ҳам, сурат гирад (моддаи 12 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 23 Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои гражданӣ ва сиёсӣ).**

**Синни никоҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳаждаҳсолагӣ муқаррар карда шудааст. Синни никоҳӣ дар ҳолатҳои истисноӣ танҳо то як сол ва танҳо дар асоси қарори суд кам карда мешавад.**

**Ҳуқуқи оид ба ҳамин масъала мурочиат намудан ба суд аз синни 17 солагӣ, на пеш аз он, фаро мерасад (моддаи 13 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷиккистон).**

**Ин ҳолатҳо кадом аст?**

Қонун ҳолатҳои истисноиро муқаррар намекунад. Аммо таҷрибаи судии чунин парвандаҳо нишон медиҳад, ки судяҳо синни никоҳиро на барои ҳама кам мекунанд. Он одатан дар он ҳолат кам карда мешавад, ки агар хешовандони наздик (модар, падар, бибӣ ё бобо)-и домод ё арӯс дар ҳолати бемории марговар қарор дошта бошанд.

**Никоҳҳои барвақт ва маҷбурӣ ҳамчун таҷрибаи зараровар эътироф гардидааст. Ва ин беҳуда нест.**
**Оқибатҳои манфии никоҳҳои зараровар аз рӯи ҳолат ва рақамҳо:**

Аксар вақт падару модарон, бо кӯшиши барпо намудани хушбахтии фарзандони худ фаромӯш мекунанд, ки фарзандони онҳо аъзои комилҳуқуқи ҷомеа мебошанд. Инсон аз лаҳзаи таваллуд дорои ҳамаи ҳуқуқҳои фитрӣ аст. Дар вақти ба синни никоҳи расидан ҳуқуқи интихоби ҳамсари ояндаро дорад. Албатта, падару модарон барои тарбия ва некӯаҳволии фарзандони худ масъул ҳастанд. Аммо! **Бо ба шавҳар додани духтари худ ё оиладор намудани писари худ то синни никоҳӣ бе қарори суд ва ризоияти шахсони ба ақди никоҳ дароянда падару модарон қонунро вайрон мекунанд.**

**Дар моддаи 168 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон** омадааст: “Ба шавҳар додани духтари ба синни никоҳ нарасида аз ҷониби падару модар ё шахсоне, ки духтар таҳти васояти онҳост ё шахсоне, ки ӯ тобеи онҳо мебошад, ҳамчунин далолат кардан ё мусоидат кардан

***Қиссаи ҳаётии як зани ҷавоне, ки ӯро то ба синни никоҳӣ расидан бидуни розигиаш ба шавҳар доданд.***

*Зани ҷавонеро падару модараш пеш аз ба синни никоҳӣ расиданаш ба шавҳар доданд. Қаҳрамонзани мо дар Федератсияи Россия, ки дар он ҷо бо шавҳараш ва волидони ӯ якҷоя зиндагӣ мекард, фаҳмид, ки мубталои* Вируси норасоии масъунияти одам (ВНМО) *аст. Ба ӯ дар ин бора духтур – гинеколог, ки таҳти назорати он қарор дошт, тавассути телефон хабар дод. Пас аз он ӯ фаҳмид, ки шавҳараш бемории ВНМО дорад. Падару модари шавҳар ва худи ҷавонмард дар бораи ташхиси ҷавонмард медонистанд, лекин ин маълумотро аз зан пинҳон доштанд. Пас аз ин ӯ бо вай дигар зиндагиро қатъ карда, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назди падару модари худ баргашт. Шавҳараш боварӣ дошт, ки занаш бо ӯ мемонад, зеро акнун вай ҳам мубталои ВНМО аст. Ӯ фикр кард, ки агар занашро бо ин вирус сироят кунад, ӯ ба тақдир тан медиҳаду, онҳо бо ҳамин беморӣ зиндагӣ хоҳанд намуд. Аммо духтари ҷавон феъли худро нишон дода, ба ҳимояи ҳуқуқҳояш оғоз кард. Ӯ хост, ки ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат кунад, то он, ки шавҳарашро барои сироят кардани ӯ бо ВНМО ҷазо дода, товони зарари ба ӯ расонидашударо рӯёнад. Аммо падару модари шавҳараш ба ӯ таҳдид карданд, ки ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мегӯянд, ки духтаракро падару модараш дар синни тоникоҳӣ ба шавҳар доданд. Пас аз ин ӯ шикоят накард, то ба падару модараш зарар*

барои ба шавҳар додан бо корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то ду сол ё маҳдуд кардани озодӣ аз мӯҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешавад".

**Дар моддаи 169 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон** омадааст: "Бастани созиши никоҳ дар ҳаққи шахсе, ки ба синни никоҳ нарасидааст, инчунин бастани ақди никоҳ бо чунин шахс, бо ҷарима ба андозаи аз як ҳазор то ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳи меҳнатӣ ба мӯҳлати то ду сол ё бо маҳдуд кардани озодӣ ба мӯҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешавад".

Дар ҳолатҳои никоҳи бармаҳал бештар ҳуқуқҳои ҷавондухтарон ба саломатӣ, аз ҷумла саломатии репродуктивӣ, таҳсилот ва меҳнат поймол мегарданд. Кӯдаконе, ки аз модарони бисёр ҷавон ба дунё меоянд, ба хатари баланди бемориҳо ва фавт гирифтор мешаванд. Модарони наврас нисбат ба занони ҷавоне, ки таваллуди кӯдакро ба таъхир мегузоранд, бештар ба оқибатҳои номатлуби ҳомиладорӣ дучор гардида, имконаятҳои онҳо ба таҳсилот маҳдуд мегардад[1].

**Дар аксари ҳолатҳо, никоҳҳои бақайдгирифтанашуда никоҳҳои то синни никоҳ басташуда мебошанд. Онҳо ба ҳомиладории бармаҳал оварда мерасонанд.** Натиҷаҳои Тадқиқоти тиббиву демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2017 нишон медиҳад, ки умуман 7 фоизи занҳо дар синни 15-19 солагӣ аллакай ҷараёни таваллуди кӯдакро оғоз карда, 3 фоизи занҳои наврас аллакай таваллуд кардаанд ва 4 фоизи онҳо дар давраи тадқиқот ҳомиладор буданд. Занҳои ҷавон то синни 17-солагӣ таваллуди кӯдакро оғоз намекунанд, аммо ҳиссаи занони наврасе, ки таваллудро оғоз кардаанд, бо гузашти умр бо суръати тез зиёд шуда, 26 фоизи занони синни 19-соларо ташкил медиҳанд[2].

**Ҳомиладории бармаҳал ва таҳсилоти духтарон бо ҳам алоқамандии зич дорад**
Аз 1911 ҷавондухтарони синни 15 то 19 сола, ки аввалин маротиба бо тифли якум ҳомиладор шудаанд, 53 нафар то ҳатто таҳсилоти ибтидоӣ, 808 нафар таҳсилоти миёнаи асосӣ (9-сола), 871 нафар таҳсилоти миёнаи умумӣ (11-сола), 90 нафар таҳсилоти касбии ибтидоӣ ва 89 нафар таҳсилоти олӣ надоранд.

**Мо дар бораи никоҳи бармаҳали бақайдгирифтанашуда дар кишварҳои мусулмонӣ чи медонем ва оё дар дини Ислом мардону занону баробаранд ё не?**
Қиссаи *Нуҷуд Алии 10-сола аз Яман, ки аз оилааш ҷудо шудааст, соли 2009*

> Вақте ки мо дар шаҳри Санои Яман вохӯрдем, ӯ даҳсола буд, нақл мекунад журналист-феминист (ҳомии ҳуқуқу баробарии занҳо) Клара Пауэр. Як журналист-феминисти амрикоӣ маро ба он ҷо ба сафари хизматӣ сафарбар кард, то ман бо он духтараке, ки шахси аз ҳама машҳури аз оилааш ҷудошуда дар Яман гардид, мусоҳиба намоям. Кӯдаке, ки филми тасвирии "Том ва Ҷери"-ро беҳад дӯст медошт, дар синни нӯҳсолагӣ ба шавҳар дода шуда буд. Падари ӯ 16 фарзанд, ду зан дошт ва худ бекор буд. Вақте ки як духтари ӯро дуздида бурданд ва дигарашро таҷовуз карданд, ӯ фикр кард, ки агар Нуҷудро барвақттар ба шавҳар диҳад, духтараш сарчашмаи хӯрок ва муҳофизат пайдо мекунад. Дар рӯзи тӯй ба ӯ ангуштарини арзишаш 20 доллари ИМА, 3 курта ва 2 ҳиҷоб тӯҳфа намуданд. Аммо ин хурсандӣ бегоҳии ҳамон рӯз, ки шавҳари 30-солааш ӯро ба бистар кашид, ба охир расид. Ӯ дар синни 9-солагӣ шавҳар карда, дар 10-солагӣ талоқ гирифт. Пас аз як сол ӯ ба такси нишаста ба бинои суд ба маркази шаҳр омада талокро талаб кард ва бо ин қиссаи худ Яманро дар ҳайрат гузошт. Вақте ки адвокати ояндаи ӯ сабабашро пурсид, ӯ ҷавоб дод: "Ман шабҳоро чашми дидан надорам". Оид ба парвандаи Нуҷуд дар тамоми олам мегуфтанду менавиштанд.
> То соли 2014 мӯҳлат лозим шуд, то ки дар Яман қонуни манъкунандаи никоҳ бо кӯдак қабул карда шавад.

---

[1] ТТДТ-2017. С. 16
[2] ТТДТ-2017. С. 18

Дар матнҳои мусулмонони аввал қарори судя ва ҳуқуқшиноси асри VIII Ибн Шубрум оид ба манъи никоҳ дар байни кӯдакон оварда шудааст. Ибн Шубрум ин манъкуниро чунин асоснок мекунад, ки он озодии инсонро поймол мекунад. Вақте ки духтарак ба балоғат мерасад, вай метавонад интихоб кунад, ки ба кӣ ба шавҳар барояд. Аммо агар ӯро дар кӯдакӣ ба шавҳар диҳанд, ин имконияти интихобро аз ӯ мебаранд[3].
Волидон! Навиштаҷоти муқаддасро дуруст шарҳ диҳед.

***Ба кӯдакон муносибати одилона кунед***

Ҳар як кӯдак дар оила ба муносибати одилона ҳуқуқ дорад. Дар ин бора Пайғамбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар ҳадиси зерин гуфтааст: "*Аз Оллоҳ битарсед ва нисбати фарзандони худ одил бошед*" (Бухорӣ, 2447; Муслим, 1623).

Волидон набояд ба фарзандон дар асоси ҷинс ё сабабҳои дигар диққати аввалиндараҷа диҳанд. Муносибати ноодилона метавонад дар кӯдакон рашк ва бадбинӣ пайдо намояд, ки он метавонад солҳо давом карда, инчунин дар дили кӯдак нисбати волидон озурдагиро ба вуҷуд орад. Дар ин бора дар ҳадиси аз ҷониби Муслим пешниҳодшуда Пайғамбар ба падари ал-Нӯъмон муроҷиат карда мегӯяд: *«Ту мехоҳи, ки онҳо нисбати ту ҳисси эҳтироми яхкела дошта бошанд?» Ӯ гуфт: «Ҳа».*

Яъне, агар шумо хоҳед, ки ҳамаи фарзандонатон ба шумо бо эҳтироми яхкела муносибат намоянд, ба онҳо баробар ва одилона муносибат кунед.

Дар он инчунин гуфта мешавад: Пайғамбар Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфт: *«Ягон падар наметавонад ба фарзанди худ аз тарбияи хуб дигар тӯҳфаи беҳтаре кунад»* (Тирмизӣ).

Чунон таълим додани фарзандон, ки онҳо дар ин ва он ҳаёт муваффақ бошанд, — ин қарзи асосии волидон аст[4].

Сураи Қуръони карим "Занҳо", ки онро бисёр мардоне, ки ҳуқуқу озодиҳои асосии зану духтарони худро инкор мекунанд, мисол меоранд, аз ояте оғоз мегардад, ки дар он гуфта мешавад, ки мардону занон "аз як қалб" офарида шудаанд. Ҳамин тавр, Қуръони карим ҳангоми таҳия бар баробарӣ асос ёфтааст[5].

## Барои чӣ таҳсилот, аз ҷумла таҳсилоти касбӣ барои ҷавонон, хусусан ҷавондухтарон ин қадар муҳим аст?

**Ҳуқуқ ба таҳсил дар моддаи 41 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст.** Давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад.

Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун дар муассисаҳои таълимии давлатӣ метавонад ба таври ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад.

Ҳуқуқ ба таҳсил воситаи асосиест, ки бо кӯмаки он гурӯҳҳои аз нуқтаи назари иқтисодӣ ва иҷтимоӣ осебпазири калонсолон ва кӯдакон метавонанд фақрро бархам дода, имконияти иштироки ҳамаҷонибаро дар ҳаёти ҷомеаи худ пайдо намоянд. Таҳсилот дар ҷодаи тақвияти ҳуқуқи занон, муҳофизати кӯдакон аз меҳнати вазнин ва хатарнок ва истисмори ҷинсӣ, мусоидат

[3] http://medina-center.ru/chto-koran-na-samom-dele-govorit-o-zhenshhinah/
[4] http://islam.plus/vospinanie/17564-vospitanie-detej-v-islame-kak-vyrastit-detej-otvetstvennymi-musulmanami
[5] http://medina-center.ru/chto-koran-na-samom-dele-govorit-o-zhenshhinah/

ба ҳуқуқи инсон ва демократия, ҳифзи муҳити зист ва назорати зиёдшавии аҳолӣ нақши ҳаётан муҳим мебозад[6].

Кори олими исломшинос Шайх Муҳаммад Акрам Надвӣ "Ал-Муҳаддисот: занони олим дар ислом" ба тасаввуроти паҳншуда дар бораи он, ки гирифтани дониш дар бораи дини Ислом танҳо кори мардон аст ва дар ҳар давру замон ҳамин хел буд, ҷавоб гуфт. "Ман дигар ягон анъанаи диниеро, ки дар он занҳо ин қадар хуб муаррифӣ шуда бошанду, дар таърихи ташаккули он фаъол бошанд, намедонам" – менависад Акрам. Занони олим судяву имомҳоеро омӯзонидаанд, ки фатвоҳо (қарорҳои ҳуқуқии динӣ) баровардаанд. Онҳо ба шаҳрҳои дур сафар мекарданд. Баъзеи онҳо то ҳатто бо мақсади пешниҳоди лексияҳо ба кишварҳои Ховари миёна сафарҳои силсилавӣ анҷом медоданд[7].

**Дар моддаи 32 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон** гуфта мешавад, ки зану шавҳар ***ҳар кадомашон*** дар интихоби шуғл, ***таҳсилот,*** касб, намуди фаъолият, *маҳалли истиқомат ва будубош* озод аст. *Аз ин лиҳоз, ҳатто пас аз маросими тӯй ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад, ки духтараки ҷавонро дар хона махкам нигоҳ дорад, ба ӯ таҳсил гирифтан ё кор карданро манъ кунад. Ин ИНТИХОБИ ОНҲО аст!*

Хонандаи мӯҳтарам! Умедворем, ки мо Шуморо иқрор намудем, ки дар "ташкили ҳаёти фарзандони худ", ба шавҳар додани духтарон бар хилофи хоҳиши онҳо бидуни пурсидани розигии онҳо ба саросемагӣ роҳ додан даркор нест. Кӯшиш кунед фарзандонро таълиму касб дода, онҳоро ҳамчун шахсиятҳои ҳаматарафа тарбия кунед.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин раванд Шуморо дастгирӣ карда истодааст. **Соли 2017 "Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022"** қабул гардида, татбиқи он бояд дар натиҷа ба зиёд намудани квотаҳои президентӣ барои духтарон аз рӯи ихтисосҳои менеҷмент, технологияҳои коммуникатсионӣ, саноати кӯҳкорӣ, энергетика ва кишоварзӣ имкон диҳад.

***Акнун дар бораи он, ки барои чи танҳо никоҳи динӣ накарда, аз қайд гузаронидани никоҳ дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ (САҲШ) ин қадар муҳим аст, гуфта мегузарем.*** ***Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон*** *никоҳи танҳо дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ сабтшударо эътироф менамояд. Никоҳи аз рӯи расму оинҳои динӣ басташуда қувваи қонунӣ надорад.*

Бо истифода аз мисолҳо дида мебароем, ки то чи андоза зани никоҳи расмӣ дошта нисбат ба зани танҳо аз рӯи расму оини динӣ никоҳкардашуда аз ҷониби қонун муҳофизат карда мешавад:

| ***Оқибатҳои ҳуқуқии сабти расмии ақди никоҳ*** | ***Оқибатҳои ҳуқуқии бастани никоҳ аз рӯи расму оини динӣ*** |
| --- | --- |
| Мутобиқи қонунгузорӣ, молу мулке, ки зану шавҳар дар давраи заношӯӣ ҷамъ кардаанд, инчунин дар ҳолате, ки зан ба хона даромад наоварда, бо нигоҳубини фарзандон машғул ва хоҷагиро пеш мебарад, моликияти муштараки онҳо мебошад.<br>Ин маънои онро дорад, ки агар шавҳар пас аз бастани ақди никоҳи расмӣ ва дар давоми заношӯӣ хона, ашё, | Никоҳ дар асоси расму оини динӣ барои давлат зиндагии амалан якҷояи зану шавҳар ҳисоб меёбад.<br>Зан он ҳуқуқҳо ба моликият аз даромади шавҳар (шарик)-ро, ки зани қонунӣ дорад, дошта наметавонад.<br>Зан ва мард дар ҷодаи ҳуқуқ ба моликият он |

[6] П. 1 Эзоҳи дорои хусусияти умумӣ № 13 – Ҳуқуқ ба таҳсилот (моддаи 13) Кумита оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ. С. 88
[7] http://medina-center.ru/chto-koran-na-samom-dele-govorit-o-zhenshhinah/

| | |
|---|---|
| автомобил ё дигар моликият харад, ҳамаи ин моликият ҳангоми ҷудошавии онҳо байни зан ва шавҳар <u>баробар тақсим карда мешавад</u>.<br>Ё шавҳар бе иҷозати зан наметавонад ин моликиятро фурӯшад, ҳадя кунад. Барои фурӯш ё ҳадяи хона, бӯстонсарой, квартира ё дигар молу мулки ғайриманқул ризоияти дар идораи нотариалии давлатӣ тасдиқшудаи ҳамсар лозим мешавад (**моддаҳои 34-35, 39 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон**). | чизеро, ки ҳар яки онҳо <u>дар алоҳидагӣ ба даст овардааст</u>, дошта метавонанд. Агар дар давраи зиндагии якҷоя шавҳар автомобил харад, ин танҳо автомобили ӯ мешавад, ҳамин тавр бо хона, ашё ва дигар намуди моликият мебошад. Зан мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар никоҳи динӣ ба моликияти аз ҷониби шарики ҳамзисташ бадастовардашуда даъво карда наметавонад ва баръакс. |
| Пас аз вафоти шавҳар ҳангоми меросгирӣ аз рӯи қонун зани ӯ бо фарзандонаш ворисони навбати аввал мегарданд, ҳатто агар ин фарзандон аз он зан не, балки аз зани дигар ҳам бошанд ва ҳангоми қайди ҳаёт будани шавҳар бо қарори суд оид ба муайян намудани падарӣ ва падару модари ӯ чунин эътироф гардидаанд (**моддаи 1166 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон**).<br>Ин маънои онро дорад, ки агар шавҳар васиятнома нагузошта бошад, он гоҳ аввал зан ҳиссаи худро дар моликияти муштараки умумӣ муайян карда, онро ҷудо мекунад (**моддаи 1140 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон**), ва инчунин ӯ ҳуқуқ дорад, ки қисмати ҳиссаи баробарро бо фарзандон ва падару модари шавҳари фавтида гирад.<br>Масалан, пас аз вафоти шавҳар квартира ва автомобили дар давраи никоҳ харидашуда монда бошад, арзиши автомобил ва квартира ҷамъ карда шуда ба ду баробар тақсим карда мешавад. Ва ин нимаи мол ба зан тааллуқ дорад, нимаи дигар бошад бо ҳиссаи баробар байни ӯ, фарзандон ва падару модари шавҳар тақсим карда мешавад. | Зани никоҳи динӣ дошта пас аз вафоти шавҳари аслӣ (шарики гражданӣ) ягон ҳуқуқи меросӣ надорад, агар шавҳар ба ӯ васиятномаи тавассути идораи давлатии нотариалӣ тасдиқшуда нагузошта бошад (**моддаи 1150 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон**). |
| Агар шавҳар аз зан даромади худро пинҳон дорад, масалан дар бонк суратҳисоби амонатӣ кушояд, қоғазҳои қимматноки ягон ҷамъияти саҳҳомиро харад ва аз он даромад дошта бошад ва ғ., мутобиқи **моддаи 35 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон** (*ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ кардани молу мулке, ки дар моликияти муштараки зану шавҳар қарор дорад, танҳо бо розигии мутақобилаи онҳо сурат мегирад*), зан ҳуқуқ дорад оид ба мавҷудият ва ҳолати суратҳисоб дар бонк, шумора ва арзиши қоғазҳои қимматнок дар ҷамъияти саҳомӣ дархост намояд, инчунин тақсими амонат, саҳмияҳо, саҳм, ҳисса дар сармояи ба ташкилотҳои қарзӣ ва ё дигар ташкилотҳои тиҷоративу ғайритиҷоратӣ ҳам дар давраи заношӯӣ ва ҳам пас аз беэътибор донистани ақди никоҳ гузошташударо талаб намояд (**қ. 4 моддаи 38 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон**). | Зани бо мард дар никоҳи ғайриқонунӣ зиндагикардаистода ҳуқуқи талаб кардани маълумотро оид ба мавҷудияти суратҳисоб дар бонк, қоғазҳои қимматнок дар ҷамъиятҳои саҳҳомӣ надорад ва дар бораи тақсимоти он сухан кардан имконнопазир аст. |
| Зани қонунӣ инчунин ба ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо шавҳар ҳиссаи баробар дорад, агар ин ҳуқуқ дар давраи зиндагонии якҷоя дар никоҳ ба даст оварда шуда бошад (**моддаи 10 Кодекси замини Ҷумҳурии** | Зани ғайрирасмӣ ба ҳуқуқи шавҳар ба истифодаи қитъаи замин ягон ҳуқуқ надорад. |

| | |
|---|---|
| **Тоҷикистон**). | |
| Бақайдгирии расмии никоҳ падарии шавҳарро эътироф мекунад. Яъне, агар шавҳари шумо дар муҳоҷират қарор дошта бошаду шумо фарзанд таваллуд кунед ва далели таваллуди онро ба қайд гирифтан хоҳед, барои ин ба шумо ҳузури шахсии шавҳари шумо зарур нест. Барои ин шаҳодатнома дар бораи акди никоҳ, шиноснома ва маълумотнгомаи тиббӣ оид ба таваллуди кӯдак кифоя аст. Ва дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ (САҲШ) далели таваллуди кӯдаки шуморо ба қайд гирифта, шаҳодатнома дар бораи таваллудро бе ягон мушкилот медиҳанд. Дар ин ҳолат дар хати маълумот оид ба падар ному насаби шавҳари шумо навишта мешавад. | Агар шумо - падару модари кӯдак дар никоҳи расмӣ набошед, ё кудаки шумо пеш аз нигоҳи расмӣ таваллуд шуда бошад, ин бечунучаро барои давлат ягон маъное надорад, ки падари кӯдаки шумо шавҳари ғайрирасмии шумо аст. Барои ин тартиботи муқаррар кардани падариро гузаштан лозим мешавад. Агар шавҳари аслӣ (шарики гражданӣ)- и шумо ба ҳамин монанд, инчунин дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор дошта бошад, бе ҳузури шахсии ӯ шумо далели падариро муқаррар карда наметавонед. Муқаррар кардани падарӣ тибқи моддаҳои 57-66 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ” ба ҷо оварда мешавад. Асосҳо барои муқаррар кардани падарӣ 3-то мебошанд: - аризаи муштараки падар ва модари кӯдак дар бораи муқаррар намудани падарӣ, ки дар рӯзи таваллуди кӯдак дар акди никоҳи якдигар қарор надоранд; - аризаи падари кӯдак дар бораи муқаррар намудани падарӣ, ки дар рӯзи таваллуди кӯдак бо модари ӯ дар акди никоҳ қарор надошт; - ҳалномаи суд дар бораи муқаррар намудани падарӣ ва ё мукаррар намудани факти эътирофи падарӣ, ки ба қувваи қонунӣ даромадааст.<br>Ин тартиботи ба таври кофӣ дурудароз буда, он на ҳама вакт ба фоидаи кӯдак ва зан ҳал мешавад. |

**Барои чӣ муайян кардани падари кӯдак зарур аст?**

Мутобиқи **моддаи 48 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон** ҳуқуқу ӯҳдадориҳои падару модар ва фарзандон ба аслу насаби фарзандон, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун тасдиқ шудааст, асос меёбанд. Ин маънои онро дорад, ки агар шавҳари аслӣ (шарики гражданӣ) гарчанд шумо ва ӯ донед, ки шумо аз ӯ дар натиҷаи ҳаёти якҷоя ҳомиладор шудаед, аммо никоҳи шумо сабт нашудааст, кӯдаки дар натиҷаи заношӯии шумо таваллудёфтаро эътироф накунад, **расман** ин кӯдак писар ё духтари ӯ ҳисоб намешавад. Мутаносибан, ӯ ӯҳдадор нест, ки фарзанди шуморо таъмин кунад, нисбати вай ғамхорӣ кунад, таҳсилот диҳад ва дигар корҳои бисёреро, ки **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”** муқаррар мекунад, амалӣ намояд. Фарзанди Шумо аз сабаби он, ки падарӣ расман муқаррар нагардидааст, то ҳатто даъвои мерос карда наметавонад (**моддаи 54 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон**).

**Кадом ҳолатҳои акди никоҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст[8]?**

Акди никоҳ байни шахсоне, ки яке аз онҳо дар никоҳи дигари ба қайдгирифташуда қарор дошта бошад;

- хешовандони наздик (падар ё модар бо фарзанд, бобо ё бибӣ бо набераи худ);
- байни бародарону хоҳарони айнӣ ва ӯгай (ки аз як падар ё модаранд);
- байни фарзандони бародарон, хоҳарон, бародару хоҳар;

[8] Моддаи 14 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №22, мод. 303; с. 2006, №4, мод. 196; с. 2008, №3, мод. 201; с. 2010, №7, мод. 546; с. 2011, №3, мод. 177, №12, мод. 855; с. 2013, №3, мод. 195; с. 2015, №11, мод. 960; с. 2016, №3, мод.143)

- байни таѓо ва ҷиян, амак ва бародарзода, хола ва хоҳарзода, амма ва ҷиян;
- байни шахсоне, ки аз як зан шир макидаанд;
- байни шахсоне, ки аз муоинаи тиббии ҳатмӣ нагузаштаанд;
- байни фарзандхондагон  ва фарзандхондшудагон;
- байни шахсоне, ки суд яке аз онҳоро бо сабаби бемории рӯҳӣ ё сустақлиаш (ноқисулақлиаш) ғайри қобили амал эътироф кардааст;
- байни шахсоне, ки суд қобилияти амали яке аз онҳоро бо сабаби сӯиистеъмол намудан аз машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо ё дигар моддаҳои мадҳушкунанда маҳдуд намудааст.

## Барои чи ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи манъи акди никоҳ дар байни хешовандони наздик ва муоинаи тиббии ҳатмии шахсони никоҳшаванда тағйирот ворид карда шуд?

*Никоҳро метавон бо меваи анор муқоиса намуд – агар онро газида набинед, муайян кардан мушкил аст, ки он турш аст ё ширин. Аз он, ки бо кадом шахс нияти ҳаёти худро гузаронидан дорӣ, бисёр чиз вобаста аст – ҳам ҳамдигарфаҳмӣ дар хона, ҳам муомила бо наздикон, ҳам тарзи ҳаёт, ва билохир ҳолати рӯҳӣ. Шояд айнан бо ҳамин сабаб, бо дарназардошти мақоли “куртаи худам ба танам наздиктар аст” баъзе одамон интихоб намудани ҷуфти дуюмро танҳо аз ҳисоби хешовандон қарзи худ медонанд. Охир агар одамро аз кӯдакиаш донӣ, дар он амалан хато кардан имконнопазир аст* ***… Аммо оё ҳамин хел аст?***

Новобаста аз он, ки фарзандони холаву амма, тағою амак хешовандони ҳамхун нестанд, таъсиси оила аз ҷониби онҳо номатлуб аст.

Ба гуфтаи олими ирсиятшинос И. Гершкович дар муқоиса ба никоҳҳо байни шахсони бегона дар никоҳҳои хешутаборӣ ҳолатҳои зерин зиёд мегардад:

- **хавфи таваллуди кӯдаки мурда ё фавти ҷанин дар даруни бачадон ба 24%;**
- **хавфи фавти кӯдак дар марҳалаи аввал ба 34%;**
- **ташаккули маслуқии ҷанин ба 48%[9].**

*Духтурон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз зиёдшавии шумораи никоҳҳои хешутаборӣ ва оқибатҳои онҳо нигаронанд. Ҳар як никоҳи 5-ум дар ҷумҳурӣ никоҳи байни хешовандони наздик мебошад. Мувофиқи маълумоти Пажӯҳишгоҳи момодоягӣ, гинекология ва педиатрияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадди ақал сабаби 27 фоизи бемориҳо ва маслуқиҳои дар байни навзодон аз ҷониби Пажӯҳишгоҳ бақайдгирифташуда оқибати омехташавии хун мебошад. Бисёрии кӯдакони мазкур дар соли аввали ҳаёт мефавтанд. Он кӯдаконе, ки зинда мемонанд, ҷисман ва ақлан маслуқ мемонанд*[10].

Бояд зикр намуд, ки гарчанд шумораи онҳо дар солҳои охир кам шуда истода бошад ҳам, то ҳол ҳолатҳои никоҳи хешутаборӣ ба чашм мерасад. Бино ба ҳисоботи Агентии омори назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон “Дар бораи вазъияти иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки дар асоси маълумоти фаврӣ таҳия гардидааст, соли 2016 дар Ҷумхурии Тоҷикистон 308 асноди никоҳи хешутаборӣ, аз ҷумла 293 ҷуфт дар вилояти Суғд, 2 ҷуфт дар вилояти Хатлон, 3 ҷуфт дар шаҳри Душанбе ва 10 ҷуфт дар ноҳияҳои тобеи марказ ба қайд гирифта шудааст.

Бо сабаби далелҳои дар боло зикргардида моҳи марти соли 2016 дар Ҷумхурии Тоҷикистон ба **моддаи 14 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон** тағйироту иловаҳо ворид карда шуд, ки

[9] http://zakonguru.com/semejnoje/zakluchenije-braka/mezhdu-rodstvennikami.html#i-2
[10] https://www.dw.com/ru/родственные-браки-в-таджикистане-их.../a-3234701

мутобиқи он дар кишвар бастани ақди никоҳ байни фарзандони бародарон, хоҳарон ва ҷиянҳои онҳо манъ карда мешавад. Дар рафти муҳокимаи тағйиротҳои мазкур дар Парламент Вазири ҳамонвақтаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нусратулло Салимзода зикр намуд, ки ба аввали соли 2015 дар кишвар зиёда аз 30 ҳазор кӯдакони маъюб ба қайд гирифта шудаанд, ки аксарияти онҳо дар натиҷаи никоҳҳои байни хешу таборони наздик ба дунё омадаанд[11].

Далели аҷоиб: дар тӯли таърих дар ШМА соли 1858 манъи никоҳи байни фарзандони бародарону хоҳаронро оғоз намуданд. Имрӯз дар 24 штати Амрико чунин никоҳ манъ аст ва дар 7 штати дигар ба он дар ҳолати иҷрои шартҳои ҳатмӣ, ба монанди гузаштани ташхиси ирсӣ иҷозат дода мешавад[12].

**Биёед ҳолати зеринро дида бароем:**

Муколамаи байни модар ва духтар.

*Духтар:*

- *Модар, барои чи холаву язнаам омаданд ва кулча овcovered? Шумо дар бораи чӣ ин қадар сӯҳбати тӯлонӣ кардед? Модар, ашки чашмонашро пок карда:*

- *Духтарам, ту аллакай ба воя расидаи! Холаву язнаат туро аз хурдсолиат медонанд, ки ту чи хел меҳрубон ва гапдаро ҳасти. Писари онҳо ба ту ҷуфти муносиб мешавад. Онҳо мехоҳанд туро келини худ кунанд, барои ҳамин ба хостгории ту омаданд.*

*Духтар дар ҳайрат афтода:*

- *Модар, охир ман ҳоло дар мактаб мехонам! Ва ман мехоҳам дар оянда духтур шавам!*

*Модар:*

- *Барои зан аз ҳама муҳим завҷаи меҳрубон ва модар шудан аст, ғами боқимондаашро шавҳар мехӯрад! Масъалаи мактабатро бошад мо ҳал мекунем.*

Барои баъзе шахсон ин метавонад ҳолати муқаррарӣ бошад. Лекин ин қиссаи ҳаётӣ оқибатҳои ҷиддии ҳуқуқӣ ва тиббӣ дорад.

Падару модарон муқаррароти моддаҳои 12, 13 ва 14 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки мутобиқи онҳо барои бастани ақди никоҳ ризоияти мутақобилаи зан ва марди ба ақди никоҳ дароянда ва ба синни никоҳ (18-солагӣ) расидани онҳо зарур буда, инчунин никоҳ байни фарзандони бародарону хоҳарон, бародарон ва хоҳарон манъ аст, поймол мекунанд. Падару модарон метавонанд ба ҷавобгарии ҷиноӣ ва инчунин ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шаванд.

Чи тавре, ки дар боло зикр гардид, мутобиқи моддаи 168 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шавҳар додани духтари ба синни никоҳ нарасида аз ҷониби падару модар ё шахсоне, ки духтар таҳти васояти онҳост ё шахсоне, ки ӯ тобеи онҳо мебошад, ҳамчунин далолат кардан ё мусоидат кардан барои ба шавҳар додан,бо корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то ду сол ё маҳдуд кардани озодӣ аз мӯҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешавад. Дар моддаи 90 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки барои аз тарафи падару модар ё дигар намояндагони қонунии ноболиғон, омӯзгор ё дигар корманди муассисаи таълимӣ ё тарбиявӣ, инчунин шахсе, ки дар асоси шартнома кӯдакро тарбия мекунад, иҷро накардани ӯҳдадориҳои парасторӣ, тарбиявӣ, *таълимӣ,* ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои ноболиғон ҳангоми набудани аломати ҷиноят огоҳӣ дода мешавад ё ба андозаи аз *се то панҷ* нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

---

[11] http://tajikistantimes.com/news_rus/v-tadzhikistane-uvelichilos-kolichestvo-brakov/

[12] Diane B. Paul, Hamish G. Spencer. “It's Ok, We're Not Cousins by Blood”: The Cousin Marriage Controversy in Historical Perspective // *PLoS Biology*. 2008, 6(12): e320; doi:10.1371/journal.pbio.0060320.

Ғайр аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои никоҳи бармаҳал, никоҳ байни хешовандони наздик метавонад инчунин ба **оқибатҳои ногузири саломатии** наберагон, ки дар оилаи фарзандони бародару хоҳарон ва ҷиянҳои онҳо ба дунё меоянд, оварда расонад. Ҳолатҳои мушоҳиданамудаи духтурон тасдиқ мекунад, ки никоҳи байни хешовандони наздик ба маъюбии кӯдакон оварда мерасонад. Яке аз чунин мисолҳо дар зер оварда шудааст:

Духтурони Кафедраи асабшиносӣ ва асосҳои ирсияти тиббии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар ду кӯдаки як оила (хоҳару додар), ки ба Шӯъбаи асабшиносии кӯдаконаи Маркази тиббии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд, ҳолати атаксияи серебеллярии сутунмӯҳра Маринеску-Шегренро мушоҳида намудаанд. Духтари калонӣ дар синни 4-солагӣ бо дастгирии дигарон роҳ мегардад, ҳангоми роҳ рафтан пойҳояш кашол мешаванд. Танҳо 11 калимаро медонад. Писарак 2 солаву 8 моҳа мебошад. Ҳамин хел ҳолат дар рушди ӯ ҳам дида шуда, 4 калима медонад ва ба саволҳо ҷавоб намедиҳад[13]. Чашмони ҳардуи кӯдак олус буда, аз сабаби катарактаи модарзод пастшавии ифодаёфтаи биноӣ доранд. Аз рӯи гуфтаҳои модар ӯ никоҳи хешутаборӣ (писару духтари аммаву тағо) дорад. Волидони кӯдак солиманд.

Бемории Маринеску-Шегрен – бемории шадиди модарзод буда, хусусияти он дар атаксияи сутунмӯҳра ва мағзи сари хурд, катаракта ва олигофрения ифода меёбад. Дар ҳолати бемории мазкур кӯдакон дар рушди ҷисмонӣ ва ҳаракати узвҳои рӯҳӣ аз кӯдакони солим оқиб мемонанд. Беморӣ табобатнашаванда мебошад.

**Падару модарони мӯҳтарам! Аз шумо қотеона даъват ба амал меорем, ки пеш аз он, ки бо бародару хоҳарони наздики худ байни ҳамдигар оид ба оиладор намудани фарзандонатон қарор қабул намоед, аввал як фикр кунед! Саломатии наберагони шумо инчунин дар дасти шумост!**

## Муносибати дини Ислом ба никоҳи байни хешу таборони наздик чи гуна аст?

Гарчанд дар дин ба никоҳи байни фарзандони хоҳару бародарон иҷозат дода мешавад, бо вуҷуди ин, дар баъзе ҳадисҳо никоҳ бо хешовандони наздик тавсия дода намешавад. Масалан, Имом Ғаззолӣ хусусиятҳоеро, ки бояд зану шавҳар дошта бошанд, зикр карда, мегӯяд, ки зан набояд аз ҳисоби шахсони наздики мард бошад, зеро ӯ нисбати шавҳар шавқмандии суст зоҳир мекунад, ва ҳадисеро меорад, ки дар он гуфта мешавад: “Ба занҳои аз ҳисоби хешовандони наздики худ оиладор нашавед, зеро дар ин ҳолат кӯдак заиф ва маслуқ мешавад” (Тарбийатул-авлод, 1:39; Иҳйо Улумуд-Дин, 2:42). **Барои ҳамин, бо дарназардошти эҳтимолияти мазкур, ақди никоҳ бо хешовандони наздик тавсия дода намешавад.** Инчунин барои тасдиқи ин гуфтаҳо ҳадиси зерин оварда мешавад: “Ба бегонагон оиладор шавед ва бо хешовандони наздики худ издивоҷ накунед” (Кади Бейдави, Ғойатул-Ғуса, 2:721).

Боз як мушкилоти дигари никоҳҳои хешутаборӣ дар он аст, ки агар баногоҳ дар байни ҳамсарон ягон нофаҳмӣ ба вуҷуд ояд, ин боиси бад шудани муносибатҳои байни хешовандон мегардад. Дар яке аз ҳадисҳои аз ҷониби имом Дайлама овардашуда гуфта мешавад, ки дар никоҳ бо хешовандони наздик ҳатман бо саломатии кӯдак мушкилот пайдо мешавад. Гуфтан мумкин нест, ки дар никоҳи байни хешовандони наздик ҳатман бо саломатии кӯдак мушкилот пайдо мешавад. **Бо вуҷуди ин, нисбат ба никоҳҳои дар байни зану марди бегона басташуда дар никоҳҳои**

[13] БЕМОРИҲОИ МАРИНЕСКУ – ШЕГРЕН. Р.А.Раҳмонов, М.Д. Исоқова, Т.В.Мадаминова, М.Т. Ғаниева. Кафедраи асабшиносӣ ва ирсияти тиббии ДДТТ ба номи Абӯали ибни Сино

**байни хешовандони наздик қафомонӣ (отклонение) дар рушди кӯдак бисёртар пайдо мешавад**[14].

## Муоинаи тиббии ҳатмӣ пеш аз никоҳ – барои чӣ он зарур аст?

**Моддаи 15 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон** пешбинӣ менамояд, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд пеш аз бастани акди никоҳ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои давлатии соҳаи тандурустии маҳалли зист ё истиқомати доимӣ аз муоинаи тиббии ҳатмӣ ба таври ройгон мегузаранд ва **онҳо бо натиҷаи муоинаи тиббии ҳатмии ҳамдигар шинос карда мешаванд**.

Чи тавре, ки дар боло зикр гардид, саломатии инсон яке аз қисматҳои ҳуқуқи ӯ ба зиндагии шоиста мебошад. Никоҳ бошад на танҳо зиндагии муштарак, балки инчунин муносибати ҷинсиро дар бар мегирад. Бисёр бемориҳо, зиёда аз ин бемориҳои табобатнашаванда ба монанди ВНМО/БПНМ, гепатити В ва С тавассути алоқаи ҷинсӣ сироят мешаванд.

Барои ҳамин муҳим аст донед, ки ҳамсариояндаи шумо чунин бемориҳоро дорад ё не. Ҳатто агар шумо шахси интихобкардаи худро бисёр дӯст дореду омода ҳастед, ки дар бемориаш ҳам бо ӯ бошед, шумо бояд пешакӣ донед, ки ба чӣ бояд омода шавед ва инчунин роҳҳои муҳофизатро донед, зеро ин хел ҳолатҳо ҳам мешаванд. (*Қиссаи зани ҷавонро, ки ӯро дар синни тиникоҳӣ бидуни ризоияташ ба шавҳар доданду мо дар ин бора дар аввали варақаи иттилоотӣ нақл кардем, ба хотир оред*)**.**

Вобаста ба масоили саломатӣ, хусусан дар бораи бемории ВНМО (вируси норасоии масъунияти одам) қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон талаботи худро дорад. Ҳар як шахсе, ки дорои вируси норасоии масъунияти одам аст, **ба махфӣ нигоҳ доштани бемории худ ҳуқуқ дорад**. Дар моддаи **163 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон** омадааст, ки шахсони сироятшудаи ВНМО (ШМВ) ҳуқуқи талаби махфӣ нигоҳ доштани иттилоот дар бораи вазъияти саломатии худро доранд, агар шароит ва хусусияти ҳаёту меҳнати онҳо хатари сирояти ин вируси норасоии масъунияти одамро ба дигарон ба вуҷуд наорад. **Ин маънои онро дорад, ки шахс донад, ки мубталои ВНМО аст, ҳангоми дидаву дониста бо шахси дигар алоқаи ҷинсӣ кардан бояд дар мадди аввал шарики худро дар бораи вазъи худ огоҳ намояд, ва агар шарик дар бораи мубтало будани шарикаш ба ин беморӣ бо ақли худ бо ӯ алоқаи ҷинсӣ кунад, шахси мубталои ВНМО бояд ӯро аз мубталошавӣ эмин дорад.**

Лекин ин ҳам кифоя нест, чунки шахси мубталои ВНМО дар бораи сифати воситаҳои муҳофизат надонистанаш мумкин аст ва ин инчунин метавонад ҳамчун сарчашмаи сирояти ВНМО гардад. Шарики ҷинсии шахси мубталои ВНМО бояд мустақилона қарор қабул намояд, ки оё ӯ дидаву дониста, ки шарикаш мубталои ВНМО аст, мехоҳад бо он шахс алоқаи ҷинсӣ кунад ё не.

Пинҳон кардани ҳақиқат аз шарики ҷинсӣ мутобиқи **моддаи 125 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон -** дидаю дониста, таҳти хавфи сироят бо вируси норасоии масъунияти одам гузоштани шахси дигар – ба таври зерин ба ҷавобгарии ҷиноятӣ оварда мерасонад:

1. Бо маҳдуд кардани озодӣ ба мӯҳлати то се сол, ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад;
2. Бо вируси норасоии масъунияти одам сироят кардани шахси дигар аз ҷониби шахсе, ки мубталои ин беморӣ будани худро медонист, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешавад;

---

[14] https://islam-today.ru/veroucenie/vopros-otvet/kakovo-otnosenie-islama-k-braku-s-blizkimi-rodstvennikami/

3. Кирдори пешбининамудаи қисми дуюми ҳамин модда, ки:

    а) нисбати ду ё зиёда шахсон;

    б) нисбати шахси баръало ноболиғ содир шудааст,

    бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то даҳ сол ҷазо дода мешавад.

Духтурон метавонанд шарики ояндаи шахси мубталои ВНМО-ро барои дуруст қабул намудани ин маълумот омода намуда, дар бораи роҳҳои сирояти ВНМО, чи гуна муҳофизат кардани худ аз ВНМО ва ҳамзамон имконпазирии бо шахси мубталои ВНМО алоқаи ҷинсӣ карданро фаҳмонанд.

**Барои ҳамин, ҳамсарони оянда бояд аз муоинаи ҳақиқии тиббӣ гузаранд, ба дасти худ хулосаи муоинаро гиранд, якдигарро дар бораи ин хулоса хабардор намоянд ва пас аз он оид ба никоҳ қарор қабул намоянд, инчунин машварати духтурро оид ба роҳҳои дурусти муҳофизати саломатии худ, саломатии ҳамсариояндаи худ ва саломатии кӯдакониояндаи худ гиранд.**

Ҳолатҳое мешавад, ки ҷавонон якдигарро дӯст дошта барои барасмиятдарории муносибатҳои худ бар хилофи ҳама қонуну қоидаҳо ба саросемагӣ роҳ диҳанд. Ин аз як ҷониб хуб аст, яъне муҳаббат ва ҳиссиёт ҳаст, аз ин мебарояд, ки онҳо хоҳиши мутақобила доранд. Аммо, аз ҷониби дигар маросимҳои расмии ақди никоҳро барои ҷавонон падару модари онҳо ташкил мекунанд. Ба умеди он, ки фарзандони онҳо бо тезӣ дар мақомоти САҲШ муносибатҳои худро ба расмият медароранд, падару модарон тартиботи давлатии бақайдгирии никоҳро пурра риоя накарда, пешакӣ санаи тӯйро муайян мекунанд, тарабхонаро фармоиш медиҳанд, меҳмононро даъват мекунанд. Аммо! Кор на ҳама вақт ин хел мешавад. Хоҳиши ҳама корро бо тезӣ иҷро кардан ба оқибатҳои нохуш барои фарзандони онҳо, хусусан нисбати ҷавондухтарон оварда мерасонад. Чаро?

Мо бесабаб диққати Шуморо ба ин масъала ҷалб накарда истодаем. Биёед як ҳолати ҳаётиро дида мебароем. Ба қабулгоҳи иттиҳодияи ҷамъиятие як модаре, ки писараш мубталои ВНМО аст, муроҷиат карда, қиссаи зеринро нақл кардааст:

> Ӯ писарашро ба оиладоршавӣ тайёр мекард. Арӯси муносибро ёфтанд. Писараш муоинаи тиббиро оғоз кард ва муайян гардид, ки ӯ мубталои ВНМО аст. Пас аз он, ки ҷавонмард дар бораи натиҷаҳои ташхис фаҳмид, вай бо як сухан ангушти ҳайрат газид (дар ҳолати шок буд). Гарчанд ба ӯ дар бораи тамоми оқибатҳои сирояти ВНМО машварат доданд, ҷавонмард аз модар ва арӯсшаванда вазъи худро пинҳон намуд. Зиёда аз ин, ӯ аллакай на дар Маркази мубориза ва пешгирии БПНМ, балки дар дигар беморхона барои ВНМО аз санҷиш гузашт, зеро қонун ба таври возеҳ танзим намекунад, ки дар куҷо бояд аз муоинаи тиббӣ барои ВНМО гузашт. Дар беморхонаи дигар ба ҷои ӯ дӯсти ӯ барои ВНМО хун супорид, аммо насаби писари ин занро қайд намуданд, яъне сохтакорӣ содир карданд. Ҳамин тавр писари зан ва дӯсти ӯ аз ҳама пинҳон карданд, ки ҷавонмард мубталои ВНМО аст.
>
> Маросими ақди никоҳро тезониданд, 30 рӯзро интизор нашуданд, зеро қонун иҷозат медиҳад, ки бо ташаббуси роҳбари САҲШ мӯҳлати мазкур кам карда шавад[15]. Арӯсшаванда ҳамин тавр дар бораи мубталои ВНМО будани ҷавонмард на дар

[15] Қ.3 м. 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ». (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2006, №4, мод. 201; с. 2008, №12, қ. 2, мод. 1017; с. 2009, №3, мод. 89; с. 2011, №3, мод. 178, №6, мод. 444; с. 2015, №3, мод. 220, №11, мод. 961, мод. 962; с. 2016, №3, мод. 144, мод. 145)

маросими тӯй, на пас аз он нафаҳмид ва албатта ҷавонмард ҳангоми алоқаи ҷинсӣ бо зани ҷавони худ ҳамчун воситаи муҳофизат аз ВНМО аз рифола истифода намебурд. Дар натиҷа духтараки ҷавон дар бораи вазъи худ танҳо ҳангоми ҳомиладорӣ фаҳмид. Вай ҳам аз рӯи қоидаҳои бақайдгирии тамоми занҳои ҳомиладор барои ВНМО ба санҷиш рафт ва муайян намуданд, ки ҷавонзан мубталои ВНМО аст. Сипас муайян гардид, ки духтаракро шавҳараш сироят кардааст. Зан ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ариза навишт.

Тақдири духтарак шикаста шуд. Нисбати шавҳари ӯ мутобиқи қ. 2 моддаи 125 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз намуданд. Дар айни ҳол ӯ дар муассисаи ҳабси пешакӣ барои дастгиршудагон ва айбдоршавандагон то баромадани қарори суд қарор дорад.

***Хонандаи мӯҳтарам! Ба Шумо қотеона тавсия медиҳем, ки тамоми талаботи расмиро дар ҷараёни ақди никоҳ иҷро намоед, то ҳаёти фарзандонатон ба мисли он, ки бо қаҳрамонони мо рӯй дод, шикаста нашавад ва то шаҳрвандон аз кирдорҳои ношоям муҳофизат карда шаванд.***

## Барои чӣ риояи ҳамаи тартиботи қонун ҳангоми бастани ақди никоҳи расмӣ ин қадар муҳим аст?

*Ақди никоҳ дарҳол пас аз он, ки ҳамсарони оянда аризаи муштарак медиҳанд, баста намешавад. Мутобиқи* ***моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ”*** “бақайдгирии давлатии ақди никоҳ пас аз гузаштани як моҳ аз рӯзи ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ аризаи муштарак додани шахсоне, ки хоҳиши ақди никоҳ карданро доранд, ба ҷо оварда мешавад”. Мӯҳлати мазкур барои он дода мешавад, ки шахсони ба ақди никоҳ дароянда бори дигар хуб фикр кунанд, ки оё онҳо омода ҳастанд, ки дар тамоми лаҳзаҳои хушиву мушкилии зиндагии якҷоя бо ҳам мешаванд ё не.

Охир ақди никоҳ ин на танҳо тӯю маъракаи ва лаҳзаҳои дилхушӣ мебошад, балки инчунин масъулият барои саломатии ҳамсар, дарёфти созиш ҳангоми муошират бо оилаи дигаре, ки дар он урфу одатҳои дигар истифода мешаванд, ин ғамхорӣ нисбати наслҳои оянда аст. Умуман, ин меҳнати пурмашаққат аст ва ба он бояд тайёр шуд. **Дар давоми моҳи мазкур падару модарон набояд ба муошрати ҷавонон монеа эъҷод кунанд, зеро онҳо бояд дар бораи якдигар бештар омӯзанд.** Бисёрии мардум кӯшиш мекунанд ин талаботро иҷро накарда гузаранд ё ҳатто ба мақомоти САҲШ намераванд.

Дар ҳаёт ин чи гуна аст?

Ба хостгории духтараки ҷавон меоянд. Падару модари духтарак мепурсанд: “Писари Шумо боз зан дорад?”. Падару модари ҷавонмард ҷавоб медиҳанд: “Не, Шумо чи гуфта истодаед! Писари мо бачаи бисёр хуб, меҳнаткаш аст”. Ҳама ба ташкили тӯй розӣ мешаванд. Ана дар ҳамин ҷо падару модари ҷавонмард мегӯянд, ки биёед аввал “никоҳ” кунем, баъд ба мақомоти САҲШ ариза медиҳем, ё ки ариза медиҳем, бигзор моҳ рафтан гирад, дар ин миён тӯй мекунем. Ҳамин тавр ҳам мекунанд.

Пас аз гузаштани вақти муайян бақайдгирии расмии никоҳ ба таъхир гузошта мешавад ва ин кор бо сабабҳои гуногун рух медиҳад. Арӯси ҷавон аллакай ҳомиладор мешавад. Ана дар ин ҳолат бо ном шавҳари никоҳӣ ба ӯ мегӯяд: - “Мебахши, азизам, лекин ман зани расмӣ дорам, ӯ дар ноҳия зиндагӣ мекунад. Ту “азизи” ман мешавӣ, ману ту дар шаҳр зиндагӣ хоҳем намуд”.

Дар натиҷа маълум мешавад, ки духтарак ва падару модари ӯро фиреб карданд ва фикр мекунанд, ки зани ҳомиладор дигар ба хонаи падару модараш барнамегардад, хуб чунин кор нанговар ҳам ҳаст, ва ӯ маҷбур мешавад бо шавҳари фиребгари худ зиндагӣ кунад. Оқибатҳои ҳуқуқии муносибатҳои заношӯии ғайрирасмӣ бошад мудҳиш аст.

Метавон бисёр мисолҳоро овард, ки пас аз пошхӯрии оила ҳамсарон солҳои зиёд барои тақсими моликият, маскун намудан дар макони зисти шахси ҷавобгар, таъминоти пулии фарзандон ва зан мубориза мебаранд ва чунин ҳолати кор ба тарафҳои баҳскунанда, фарзандон ва хешовандони онҳо таъсири маънавӣ мерасонад. Ғайр аз ин, барои ҳамаи ин вақти гаронбаҳо сарф мешавад. Таъмини завҷаи собиқ ва фарзандон бо манзил пас аз пошхӯрии оила, пардохти алимент ба кӯдакони ноболиғ ва зани ниёзманд, хусусан баҳсҳои вобаста ба маскунсозии зани собиқ ва фарзандон дар манзили шавҳар ин ҳама баҳсҳоест, ки ҳаллу фасл ва иҷрои онҳо мушкилоти зиёд дорад.

Ана барои ҳамин ба "никоҳ" кардан саросема набояд шуд! Бояд ҳамаи тартиботи расмии бастани ақди никоҳро иҷро намуд, шаҳодатномаи қайди ақди никоҳро гирифта, сипас боварӣ ҳосил кард, ки пагоҳ шавҳаратон шуморо бо фарзандони бақайдгирифтанашуда дар кӯча намепартояд.

Инчунин ҷиҳати таъмини ҳифзи ҳуқуқи молумулкии ҳамсарон имконияти бастани аҳдномаи никоҳ вуҷуд дорад. Мутобиқи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳдномаи никоҳ созишномаи зану шавҳар аст, ки ҳуқуқи молу мулкӣ ва ӯҳдадориҳои онҳоро дар давраи заношӯӣ ва ( ё ) дар ҳолатҳои бекор кардани он муайян менамояд. Аҳдномаи никоҳ метавонад ҳам то бақайдгирии давлатии ақди никоҳ ва ҳам дар ҳар вақти давраи заношӯӣ баста шавад.

Аҳдномаи никоҳ метавонад ҳангоми барҳамхӯрии муносибатҳои заношӯӣ корро осон карда, вақт ва хароҷотро барои ҳалли масоили вобаста ба таъмину тарбияи кӯдакони ноболиғ, баҳсҳои манзил ва молу мулк сарфа кунад, метавонад барои пешгирии баҳсҳои судӣ, давутози ҳамсарон, хароҷоти иловагии тарафҳо, харобшавии асаб ва инчунин барои сарфа кардани вақт ва ҳифзи манфиатҳои фарзандони онҳо ва пешгирии ҳисси душманӣ ва бадбинии аъзои оила (ё собиқ аъзои оила) кӯмак расонад.

**Дар охир мехоҳем таъкид намоем, ки таҳсилот ва маълумотнокии падару модарон ва арӯсу домоди оянда оид ба оқибатҳои никоҳи бақайдгирифтанашуда ва хешутаборӣ метавонад ҳардуи тарафҳоро аз хатогиҳои ислоҳнашаванда эмин дорад.**

Агар никоҳи шумо ба қайд гирифта нашуда бошад ё ҳуқуқҳои ҷонибҳо ба молу мулк, ҳуқуқи тарафҳо оид ба таъминоти кӯдакон, ҳуқуқ ба таъмини ҳамсар ва фарзандон бо манзили шахсӣ, ҳуқуқи ҳамсари корношоями ба ғамхорӣ ниёздошта ба таъминоти ӯ чи дар давраи заношӯӣ ва чи берун аз он поймол шавад, он гоҳ шумо метавонед ба қабулгоҳҳои ҳуқуқии зерин муроҷиат кунед:

## РӮЙХАТИ БЮРОҲОИ ҲУҚУҚИИ ДАВЛАТӢ

| Макон | Суроға |
|---|---|
| Шаҳри Ваҳдат | Бинои КВД "ХМК", кӯчаи Борбад, 7 |
| Ноҳияи Шаҳринав | Бинои Суди ноҳия дар кӯчаи И. Сомонӣ |
| Ноҳияи Тоҷикобод | кӯчаи Сомони 21 (ошёнаи дуюм) |
| Ноҳияи Нуробод | Бинои КВД "Тоҷиксуғурта", кӯчаи Изатулло Ҳалимов 11 |
| Ноҳияи Дӯстӣ | Бинои Маркази ҷавонон |
| Ноҳияи Ҷайҳун | Бинои Суди ноҳия, шаҳраки Дӯстӣ, кӯчаи И.Сомонӣ 10 |
| Ноҳияи Восеъ | кӯчаи Мирзоев, хонаи 2 ва |
| Ноҳияи Ҷ. Балхӣ | кӯчаи Ҷ. Балхӣ |
| Ноҳияи Ёвон | Ҷамоати шаҳрак, кӯчаи Мирзо Турсунзода 42 |
| Шаҳри Панҷакент | кӯчаи Деваштич 28 |
| Шаҳри Панҷакент | Ҷамоати ба номи Лоиқ Шералӣ |
| Ноҳияи Деваштич | Бинои САҲШ, кӯчаи Ҷӯра Расул 15 (ошёнаи якум) |
| Ноҳияи Б. Ғафуров | Бинои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти ноҳия, воқеъ дар кӯчаи Нозиров А. 14 |
| Ноҳияи Ҷ. Расулов | Бинои Суди ноҳия воқеъ дар кӯчаи Э. Умаров |
| Ноҳияи Спитамен | Бинои Шӯъбаи маорифи ноҳия адрес? |
| Ноҳияи Ашт | Бинои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти ноҳиякӯчаи Сомони 6 |
| Ноҳияи Ашт | ҷамоати Понғоз |
| Шаҳри Исфара | Бинои Маркази адлия |
| Шаҳри Конибодом | кӯчаи Камоли Хуҷандӣ 5 |
| Шаҳри Конибодом | Бинои ҷамоати Пӯлодон кӯчаи Аҳмадҷон Шарипов 109 |
| Шаҳри Хоруғ | Бинои Суди вилоятӣ воқеъ дар кӯчаи Ленин, хонаи 35 |

**Хонандаи азиз! Аз соли 2016 ин ҷониб дар назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон рақами ягонаи кӯмаки ройгони ҳуқуқӣ "3040" фаъолият мекунад. Занг ба рақами мазкур аз тамоми намудҳои телефон (ноқилӣ ва мобилӣ) тарофабандӣ карда намешавад. Шумо метавонед ба рақами мазкур занг зада, машварати ҳуқуқӣ гиред.**

**Сохтори СММ оид ба масоили занон** сохтори Созмони Милали Муттаҳид оид ба баробарии гендерӣ ва васеъ намудани ҳуқуқу имкониятҳои занон мебошад. Ҳамчун ҳомӣ ва пешбарандаи фаъоли манфиатҳои занон ва духтарон дар сатҳи умумиҷаҳонӣ, *Сохтори СММ оид ба масоили занон* бо мақсади тезонидани пешравӣ дар ҷодаи риояи ҳуқуқҳои онҳо дар тамоми ҷаҳон таъсис дода шудааст.

*Сохтори СММ оид ба масоили занон* ба давлатҳои узви СММ дар ҷодаи муқаррар намудани меъёр ва стандартҳои байналмилалӣ ҷиҳати ноил гардидан ба баробарии гендерӣ мусоидат намуда, бо ҳукуматҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҷодаи таҳияи қонунҳо, васиаҳои сиёсӣ, барномаву хизматрасониҳои барои татбиқи стандартҳои мазкур зарурӣ ҳамкорӣ мекунад. *Сохтори СММ оид ба масоили занон* ба иштироки баробари занон дар тамоми соҳаҳои ҳаёт тавассути ҷалби диққати хоса ба панҷ равияҳои афзалиятноки фаъолият фаъолона мусоидат мекунад. Ба ин равияҳо тақвияти нақши пешбари занон ва вусъати иштироки онҳо дар ҳаёти ҷомеа, барҳам додани зӯроварӣ нисбати занон, ҷалби занон дар ҳалли тамоми ҷабҳаҳои масоили вобаста ба таъмини сулҳ ва амният, васеъкунии имкониятҳои занон дар соҳаи иқтисодиёт, таъмини нақши маркази баробарии гендерӣ дар ҷараёни банақшагирӣ ва таҳияву татбиқи буҷети рушди миллӣ дохил мешавад.

*Сохтори СММ оид ба масоили занон* инчунин ҳамоҳангсозии корҳоро оид ба тарғиби баробарии гендерӣ дар доираи тамоми низоми СММ таъмин мекунад.

www.unwomen.org

Нашрияи мазкур дар доираи Лоиҳаи БРСММ "Дастгирии ислоҳоти низоми бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки аз ҷониби Намояндагии Идораи Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ маблағгузорӣ мешавад, ва бо фармоиши Сохтори СММ оид ба масоили занон бо мақсади дастгирии фаъолияти Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои фаҳмондадиҳӣ таҳия ва нашр гардидааст.

Муаллиф: Лариса Александрова, коршиноси Сохтори СММ оид ба масоили занон.

Шархдирханда:

Нодирӣ Шах,ноза Анвар - Муовини вазири адлия Ч,умх,урии Точ,икистон

Самадзода Ифтихор - муовини сардори Раесати асноди х,олати шах,рвандии Вазорати адлияи Ч,умх,урии Точ,икистон

К,обилов Бахтиер - сардори Шуьбаи таьминоти х,ук,ук,ии х,амкорих,ои байналмилалй ва иштироки Ч,умх,урии Точ,икистон дар ташкилотх,ои байналмилалии Вазорати адлияи Ч,умх,урии Точ,икистон

*Фикру ақидаи дар нашрияи мазкур дарҷгардида ба муаллиф тааллуқ дошта, метавонад бо мавқеи расмии Сохтори СММ оид ба масоили занон, СММ ё ташкилотҳои вобастаи он мувофиқат накунад.*

Copyright © Сохтори СММ оид ба масоили занон, 2019